**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Шарифзода Раҳматулло Файзулло дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 30 саҳ.).**

Мавзуи таҳқиқотии Шарифзода Раҳматулло Файзулло ба яке аз масъалаҳои мубрами қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ нигаронида шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар замони муосир мубрам буда, таваҷҷуҳи бештари мутахассисони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро ҷалб намудааст. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки дар таърихи илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ бори аввал дар ҳамин шаклу мазмун, бо забонӣ давлатӣ кори таҳқиқотии мукамал пешниҳод гардидааст.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан дар моддаи 127 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, масоили ҳуқуқии он ҷавҳари асосии автореферати диссертатсияи Шарифзода Раҳматулло Файзуллоро ташкил медиҳад. Дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумоти муфассал дода шудааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда, боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда, мувофиқат менамоянд. Бисёре аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида, ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ инъикос карда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузоштташударо иҷро намудааст, вале новобаста аз ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

1. Муаллифи диссертатсия дар қисми дуюми нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ишора кардааст, ки «Таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви давлатҳои ИДМ, моро водор намуд, ки ақидаҳо дар бораи баназаргирии меъёрҳои Кодекси ҷиноятии ин давлатҳоро ироа намоем. Воқеан, омӯзишҳои муқоисавӣ аз он гувоҳанд, ки таҷрибаи пешқадами қонунгузории хориҷӣ барои мукаммал гардонидани қонунгузории ҷиноятии ҶТ кумак намуда, боиси боз ҳам устувор ва мустаҳкам гардидани меъёрҳои қонун мегардад». Аз нуқтаи назари мо, хуб мешуд, агар муаллиф қонунгузории дигар давлатҳоро дар баробари қонунгузории давлатҳои узви ИДМ низ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор медод.

2. Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Таҳлили аломатҳои банду бастшаванда ва махсус банду бастшавандаи дар хатар монондан» амалияи тафтишотиву судӣ барррасӣ гардида, тафовути он бо моддаҳои 108, 110, 111, 112, 116, 118, 128, 138, 139, 212, 237 ва 252 КҶ ҶТ нишон дода шудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф дар асоси мисолҳои мушахас сарҳади байни моддаи 127 КҶ ҶТ-ро бо моддаи 128 КҶ ҶТ муайян менамуд.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмии муаллиф инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 4 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Шарифзода Раҳматулло Файзулло мусбат мебошад, зеро он нахустин пажуҳиши илмӣ бо забони давлатӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва барои муҳаққиқони

оянда заминаи мусоидро дар илми ҳуқуқшиносии ҷумҳурӣ фароҳам меорад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи номзадии Шарифзода Раҳматулло Файзулло мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пай дар пай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқ таҳлил шудааст.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Раҳматулло Файзулло дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Шарифзода Раҳматулло Файзулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Такриздиҳанда:**
Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ______ Тағозода А.С.

**Имзои Тағозода А.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратуллозода О.Н.

«_11_» ____12____ 2023 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 1; Тел.: (+992) 37 233-75-48; факс: (+992) 37 233-01-22; сомона: www.sud.tj; E-mail: info@sud.tj.